# ХУЛОСАИ

комиссияи ташхиси шурои диссертатсионии 6DKOA-093-и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ ба диссертатсияи Маҳмудов Давлатшоҳ Хайруллоевич дар мавзуи «Саҳми Нусратулло Махсум дар азнавсозиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02. – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик).

Комиссияи ташхис дар ҳайати раиси комиссия - д.и.т. профессор Абулҳаев Р. А., аъзоёни комиссия: Қурбонова Ш. И ва Акрамов М. И, ки бо қарори шурои диссертатсионии 6D.KOA-093 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ аз 02.08.2025 таъсис дода шудааст, диссертатсияи Маҳмудов Давлатшоҳ Хайруллоевичро дар мавзуи «Саҳми Нусратулло Махсум дар азнавсозиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02. – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) баррасӣ намуда, хулосаи зерин баровард:

Диссертатсияи номзадии Маҳмудов Давлатшоҳ Хайруллоевич дар мавзуи “Саҳми Нусратулло Махсум дар азнавсозиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02. – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) таҳқиқоти мустақилона ва комил буда, ба талаботи муқарраршуда нисбати диссертатсияҳои номзадӣ бо мақсади дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих ҳамаҷониба мувофиқ аст. Мавзуи мазкур дар илми таърих, бахусус таърихи халқи тоҷик, яке аз масъалаҳои мубрам ва дорои аҳаммияти муҳими миллӣ ба шумор меравад.

1. **Мубрам будани мавзуи таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки мавзуи мазкур дар илми таърихнигории ватанӣ ба таври зарурӣ омӯхта

нашудааст. Омӯзиши чунин мавзуҳои таърихӣ аз ҳар ҷиҳат дар самти ташаккули худшиносии миллӣ ва таҳкими тарбияи ватандӯстии ҷомеа нақши калон гузошта метавонад. Бояд қайд намуд, ки дигаргуниҳое, ки дар самти давлатдории тоҷикон дар солҳои 20-уми асри XX ва дар рушду инкишофи хоҷагии халқ, фарҳангу маориф ба вуҷуд омада буд, ба кору фаъолияти Нусратулло Махсум сахт вобастагӣ дорад.

Натиҷаи омӯзиши саҳифаҳои таърих нишон медиҳанд, ки дар он айём мубориза бурдан барои бунёди давлати алоҳида дар ҳайати Иттиҳоди Шуравӣ кори саҳлу сода набуд. Бо вуҷуди он, Нусратуллю Махсум дар ин миён ҳамчун як нафари масъули давлатӣ, бо андешаи солим ва хиради созанда барои ташкили давлати тоҷикон ва бунёди низоми сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ талошҳои чашмрасе анҷом додааст. Агар мантиқан ба раванди бунёди Тоҷикистон таваҷҷуҳ намоем, баръало эҳсос мешавад, ки ӯ яке аз бунёдгузорони аслии Тоҷикистони соҳибистиқлол ба ҳисоб меравад. Зеро таъсисёбии ҶМШС Тоҷикистон дар соли 1924 ва ҶШС Тоҷикистон дар соли 1929 заминаҳои асосии таъсиси Тоҷикистони соҳибистиқлолро дар соли 1991 фароҳам оварданд. Бо такя ба ин, Нусратулло Махсум ва чанде аз ҳамсангарони ӯро метавон таъйинкунандаи сарнавишти миллати худ ва роҳбарони воқеии ҷомеаи замони худ номид.

2. **Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Муҳаққиқ мавзуи омӯзиш ва таҳлили мавзуи «Саҳми Нусратулло Махсум дар азнавсозиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX»-ро ҳадафи таҳқиқоти худ қарор дода, барои расидан ба ин мақсад ҳалли 7 масъаларо вазифагузорӣ намудааст.

3. **Навгонии илмии кор**, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки масъалаи матраҳшаванда дар асоси маводи муътамади таърихӣ тафсиру таҳқиқ шудааст. Зиндагиномаи Нусратулло Махсум, бо такя ба ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва нақлу ривоятҳои пайвандон бори аввал ба таври

мукаммал шарҳ ёфтааст. Агарчанде масъалаи тақсимоти миллию ҳудудии соли 1924 ва таъсиси ҶМШС Тоҷикистон, таъсиси ҶШС Тоҷикистон дар соли 1929, бавуҷудоии ҳаракати зиддишуравӣ, навгониҳои иқтисодию иҷтимоии солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX, раванди таъқиботи сиёсии солҳои сиюм мавзуъҳои омӯхташудаанд, аммо нақши Нусратулло Махсум дар ин асарҳо кам нишон дода шудааст. Гузашта аз ин, яке аз дигар паҳлуҳои навгонии кор дар он ифода меёбад, ки дар ҳама равандҳои зикршуда бештар ба манфиати мардуми оддӣ ва бебизоату камбизоат мубориза бурдани Нусратулло Махсум нишон дода шудааст.

4. **Аҳаммияти илмию назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз он иборат мебошад, ки мавод ва хулосаҳои онро метавон дар аснои навиштани асарҳои бунёдӣ оид ба таърихи раванди барқароршавии ҳокимияти шуравӣ дар Осиёи Миёна, аз ҷумла ҳудудҳои зисти тоҷикон, раванди ташаккулёбии Тоҷикистони шуравӣ, тараққиёти хоҷагии халқ, илму фарҳанг дар давоми солҳои 20 ва 30-уми асри XX, ҳангоми таҳияи курсҳои лексионӣ аз фанҳои «Таърихи халқи тоҷик», метавон истифода намуд. Хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия барои ҳалли масъалаҳои алоҳидаи ҳалталаби давраи мавриди назари таҳқиқот, муфид арзёбӣ карда мешаванд.

5. **Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар он аст, ки ӯ нақши Нусратулло Махсумро дар бунёд ва ташаккулёбии Тоҷикистони мухтор ва Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон, инчунин танзиму такмили муносибатҳои ҷамъиятии замонро дар асоси сарчашмаҳои муътамади илмӣ нишон дода, аҳаммияти бузурги маҷмӯи ҳодисаҳои замонро дар раванди давлатдории тоҷикон дақиқ намудааст.

6. Диссертатсия ба талаботи банди 51-и Низомномаи шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ҷавобгӯ буда, дар кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ иҷро

гардидааст. Диссертатсия дар кафедраи мазкур муҳокима ва барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-093 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ тавсия дода шудааст.

7. Хулоса дар ҷаласаи Шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ муҳокима гардида, мусбӣ баҳогузорӣ шудааст.

8. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 ва 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои муҳим дар соҳаи таърихи ватанӣ ба шумор меравад ва он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

9. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 6D020301 - Таърихи ватанӣ, ки вобаста аз он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03-юми декабри соли 2021, №349 ҳуқуқи қабул ва баррасии диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2025, № 4 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

10. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла - 4 мақола дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба талаботи банди 34 ва 35-уми тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

11. Дар диссертатсияи Маҳмудов Давлатшоҳ Хайруллоевич истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шуданд, ки аз риоя шудани талаботи банди 37- и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Асолати матни диссертатсия 82,58%-ро аз ҳаҷми умумии кор ифода мекунад, ки бо маълумотнома тасдиқ карда шудааст. Иқтибосҳо ба расмият дароварда шуданд.

12. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Маҳмудов Д.Х. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопнагардида мавҷуд нест.

Комиссияи ташхис диссертатсияи Маҳмудов Давлатшоҳ Хайруллоевичро дар мавзуи «Саҳми Нусратулло Махсум дар азнавсозиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02. – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) баррасӣ намуда, дар асоси талаботи банди 60 тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267),

ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Маҳмудов Давлатшоҳ Хайруллоевич дар мавзуи "Саҳми Нусратулло Махсум дар азнавсозиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02. – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи ташхис муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 07.00.02. - Таърихи ватанӣ мувофиқат мекунанд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- Ализода Баҳриддин Пирмуҳаммад – доктори илмҳои таърих, и.в. профессор, директори Пажуҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Академияи идоракунии давлатӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Неъмонов Беҳрӯзҷон Зарёевич – номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рудакӣ тавсия дода мешавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ ва Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 нусха) ва ирсоли он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи ташхис:**
доктори илмҳои таърих, профессор Абулҳаев Р. А.

**Аъзоёни комиссияи ташхис:**
доктори илмҳои таърих, дотсент Қурбонова Ш. И.

номзади илмҳои таърих Акрамов М. И.

Имзоҳои Абулҳаев Р., Қурбонова Ш. И. ва Акрамов М. И-ро тасдиқ мекунам:

Нозири калони шуъбаи кадрҳои
Институти таърих, бостоншиносӣ
ва мардумшиносии ба номи
А. Дониши АМИТ Файзуллоева Г. К.

«2» 10 соли 2025